**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**АЛИШЕР НАВОИЙ НОМИДАГИ САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

**ФИЛОЛОГИЯСИ ФАКУЛТЕТИ**

**ТОЖИК ТИЛИ ВА АДАБИЁТИ КАФЕДРАСИ**

# Курс иши

**МАВЗУ: РОБИТАҲОИ ЭҶОДИИ ШОИРОНИ ТОҶИК ВА ЭРОН ДАР АСРҲОИ XVI-XVII**

**Бажарувчи:** **2-курс талабаси Муқумова Ирода**

**Илмий раҳбар:** **ф.ф.н. С.Хўжақулов**

**Самарқанд – 2012**

Дар шароити чудой ва мухолифоти сиёсй ва мазҳабии байни Эрон ва Мовароуннаҳр дар давраи мазкур табиист, ки равобити эчодии адибони ин ду кишвар бар заминаи алоқаҳои шахсии онҳо қарор гирифта наметавонист. Зеро аҳли адаби ин кишвар озодона ба он кишвар сафар карда, бо адибони он чо мулоқот ва сўҳбат ороста наметавонистанд. Ин гуна имконият дертар, дар охирҳои асри XVII, ки шиддати низоъу мухолифатҳои сиёсй ва мазҳабии байни Эрон ва Мовароуннаҳр камтар шуда буд, пайдо шуда, аз он Малеҳои тазкиранавис барои сафари худ ба Эрон истифода кардааст.

Бо вучуди ин равобити эчодии байни адибони Мовароуннаҳр ва Эрон чи дар асри XVI, давраи шиддати ихтилофоти сиёсиву мазҳабй миёни ду мамлакат ва чи дар асри XVII, давраи андак суст шудани ин ихтилофот бештар ба тариқи ғоибона будааст. Аҳли шеър аз як кишвар ба кишвари дигар сафар карда ва ба дидори ҳамдигар расида натавониста бошанд ҳам, вале маҳсули эчодашон бо роҳу воситаҳои гуногун аз он монеъаҳо гузашта ва марҳалаҳоро тай карда, ба дасти қаламкашони ҳамзабони худ дар диёри дигар мерасид. Шоирони ҳар ду кишвар ба воситаи маҳсули табъи худ бо якдигар робита ва шиносой пайдо мекарданд, онҳоро шеърашон ғоибона ба ҳам наздик менамуд.

Дар ин хусус аз тазкираи Малеҳо доир ба робитаҳои эчодии шоирони точик ва Эрон як ҳуччати қобили таваччўҳе ба даст меояд. Малеҳо вақте ки дар роҳи сафари худ ба Эрон ба Сабзавор расида, дар корвонсарои шаҳр нузул мекунад, Козим ном шоире ба ҳузураш меояд ва бо тараннуми байти

То дар канор духтари разро кашидааст,
Лабташнаанд бодапарастон ба хуни хум.

аз соҳиби шеър суроғ мечўяд. Аз пурсучўҳои минбаъда дар сўҳбат маълум мешавад, ки соҳиби байт худи ҳамин меҳмони мовароуннаҳрй будааст. Ҳамин тавр шеъри Малеҳо пеш аз худаш кайҳо ба Эрон рафта ва ба дасти аҳли шеъри он диёр расида будааст[1].

---

[1] С.Саъдиев. Малеҳои Самарқандй ва тазкираи ў. с.16.

Дар доираҳои адабии Мовароуннаҳри давраи музокира девонҳо ва шеърҳои чудогонаи чанде шоирони тавонои Эрони ин давр аз қабили Хоча Осафӣ, Мӯҳташами Кошӣ, Валии Даштибаёзӣ, Майлии Ироқӣ, Ваҳшии Бофиқӣ ва баъдтар Урфии Шерозӣ, Калими Кошонӣ, Нозимии Ҳиротӣ, Соиби Табрезӣ, Қосими Девонаи Нишопурӣ ва чанде дигар устодони сабки чадиди шеърӣ шӯҳрати бузург пайдо карба буданд. Ашъори ин шоирони Эрон барои шоирони точик намунаҳои олии санъати сухан ва шоистаи ибрат дар эчоди шеър ҳисоб мешуданд. Дар маҳфилу мачлисҳои адабӣ пайваста гуфтугӯ аз ашъори ҳамин шоирони устод сурат мегирифт. Шоирони точик ба гуфтани чавоб ва татаббӯи ашъори ҳамин устодони сухан қувваозмой менамуданд.

Умуман дар шеъри точикии он давраҳо ҳодисаи эчодии **чавоб ва татаббӯъ** хеле ривоч пайдо карда, ба равияи асосии адабӣ табдил ёфта буд. Шоирон гуфтани чавоб ва татаббӯъ бар ашъори сухансароёни мумтози пешина ва муосирро сармашқи эчодӣ қарор дода, ба ин восита истеъдоду маҳорати худро нишон додан мехостанд.

Дар хусуси ин ки ҳанӯз дар асри XVI барои шоирони точик чавоб гуфтан ба ашъори шоирони маъруфи Эрон намоиши ҳунари суханварӣ ва маҳорати эчодӣ ҳисоб мешуд, изҳороти ифтихоромези сухансарои забардасти ин аср Аршии Кешӣ дар мақтаи як ғазалаш далели кофист. Аршӣ дар ин ғазал, ки дар санъати мушкили лаффу нашр гуфта шудааст, бо суханварони дар доираҳои адабии Мовароуннаҳр машҳури Эрон Мӯҳташами Кошӣ, Майлии Ироқӣ ва Ваҳшии Бофиқӣ гӯё ғоибона мусобақа намуда, дар ин ҳунарнамой худро пирӯз ҳис кардааст:

Хонд, Аршӣ, то зи ашъори ту мутриб дар Ироқ,
Муҳташам мадҳушу Майлӣ масту Ваҳшӣ шуд хароб.

Ин гуфтаи Аршӣ нишон медиҳад, ки барои сухансароёни Мовароуннаҳр ашъори шоирони Эрон намунаи олии сухангустарӣ, андоза ва маҳаки ҳунари шоирӣ мусобиқа ва талоши эчодӣ ба онҳо дар майдони чавобу татаббӯъгӯиҳо як навъ ҳунарнамой ҳисоб мешудааст. Мавриди чавоб ва татаббӯоти онҳо

бештар суханварони Эрон, хусусан устодони номбурда буданд. Дар маркази тамоюли эҷодии ҷавобу татаббӯоти шеъри тоҷикӣ ва мавриди пайравию истиқболҳои шоирон қарор доштани ашъори суханварони он даврai Эронро санаду ҳуҷҷатҳои бисёре аз тазкираҳои Мутрибӣ ва Малеҳо тасдиқ мекунанд.

Аз рӯи ҳуҷҷатҳои ин ду тазкира маҷлисҳои адабӣ дар Мовароуннаҳр аксаран ба гуфтани ашъори ҷавобия ва муҳокимаю баррасии онҳо доир мегардиданд. Одатан касе аз аҳли маҷлис, дар бисёр мавридҳо ташаббускори он матлае ё шеъреро аз ягон шоири маъруф дар миён меандохт ва шоиронро ба гуфтани ҷавоби он даъват менамуд. Ин амр ҳатто дар маҷлиси подшоҳ ҳам воқеъ мешудааст, чунон ки Султон Саидхон, ҳукмдори Самарқанд боре як ғазали Хоҷа Осафиро дар миёни шуаро андохта, аз онҳо ҷавоб талаб кардааст. Матлаи он ғазали Хоҷа Осафӣ ин будааст:

Нарехт дурди майу мӯҳтасиб зи дайр гузашт,

Расида буд балое, вале ба хайр гузашт.

Бинобар хабари Мутрибӣ бисёр шоирони Самарқанд ба ин ғазал ҷавоб навиштаанд, ки дар байни онҳо сухансароёни тавоное чун Мавлоно Мушфиқии Бухорой, Фурӯғии Самарқандӣ, Мулло Боқии Хумдонакӣ, Мулло Боқии Каффоши Самарқандӣ низ будаанд. Ғазалҳои ҷавобияро аз назар гузаронда мебинанд, ки ҷавоби Боқии Каффош аз ҳама беҳтар аст. Ҳамин тавр ин шоир ғолиби мусобиқаи ҷавобгӯии мазкур дониста шудааст.

Мутрибӣ дар тазкираи худ аз ҷавобияи Боқии Каффош ин ду байт:

Сабо зи кӯи ту, ҷонам, ба расми сайр гузашт,

Зи рашк ҷон ба лаб омад маро, ки ғайр гузашт.

Ба юзу боз гузашту аз он шудам хушдил,

Ки шоҳи ман чу Сулаймон ба ваҳшу тайр гузашт.

-ро дарҷ намуда, таъкид кардааст, ки аҳли фазлу адаби Самарқанд «ваҳшу тайр»-ро дар байти дуюми ғазали ҷавобии Боқии Каффош аз «ваҳшу тайр»-и ғазали Хоҷа Осафӣ хубтару бамавридтар ҳисоб кардаанд:

Зи марғзори ҷаҳон Осафӣ гурезон аст,

К-аз ин диёр Сулаймон ба ваҳшу тайр гузашт.

Дар воқеъ бартарии байти Боқии Каффош аз байти Осафӣ равшан аст. Боқии Каффош маҳбуби бо юзу боз аз кӯча гузашта истодаро ба подшоҳи ба сайд равона монанд карда, ба ҳамин муносибат ба Сулаймон, подшоҳи ҳайвоноту мурғон қиёс намудааст. Аммо Осафӣ безорӣ ва гурезонии хешро аз дунё изҳор дошта, сабаби инро бо мисоли бо юзу бози худ аз ин диёр, яъне дунё гузаштани Сулаймон шарҳ додааст, ки аз назари таносуби маънӣ он қадар мувофиқ наафтодааст.

Мутрибӣ дар тазкирааш дар ду маврид ба ғазалҳои шоири машҳури ин давраи Эрон Мӯҳташами Кошӣ ҷавобҳо гуфтани ду шоири Мовароуннаҳрро хабар додааст. Дар як маврид ба ин ғазали Мӯҳташам:

Гар аз ҷамоли ҷаҳонтоби ӯ ниқоб кашанд,
Ҷаҳониён қалами рад бар офтоб кашанд.

ҷавоб гуфтани шоири номӣ Дӯстии Бӯстонхониро қайд кардааст, ки матлаи ҷавобияи ӯ чунин будааст:

Бутон, ки аз паи даъво зи рӯи ниқоб кашанд,
Яке ниқоби туро дида сад ҳиҷоб кашанд.

Ба ғазали дигари Мӯҳташам, ки бо санъати лаффу нашр иншо шуда, матлааш ин аст:

Ҳусни рӯзафзун нигар, к-он хусрави зарринрикоб
Дӣ ҳилоле буду имшаб моҳу имрӯз офтоб.

Мӯмини Сарроҷ ҷавоб гуфтааст, ки матни он дар тазкира пурра оварда шудааст:

Наргисаш аз айни хубӣ карда оламро хароб,
Дӣ шуда сармасту шаб махмуру рӯзаш бурда хоб.
Тири мижгонаш ба чашми нотавони ман расонд,
Дӣ ситам, имшаб алам, имрӯз созад дилкабоб.
То ба зулфаш сунбули пуртоб даъво кард, шуд,
Дӣ парешон, шаб пушаймон, рӯз дорад печу тоб.
Доштам пеши сагонаш эътиборе, кардаам
Дӣ сухан, имшаб суол, имрӯз меҷӯям ҷавоб.

Шоҳи Ҷамқадре, ки гӯи салтанатро бурда буд,
Дӣ зи Рустам, шаб зи Баҳман, рӯз аз Афросиёб.
Мӯъмини дилхаста дар авсофи ҳуснаш буд, гуфт,
Дӣ сано, имшаб дуо, имрӯз мехоҳад савоб.

Дар мавриди дигар Мутрибӣ як ғазали дар ҷавоби суханвари бузурги он давраи Эрон, яке аз асосгузорони сабки нави шеърӣ Урфии Шерозӣ гуфтаи шоири Самарқанд Муҳаммад Содиқи Ҳалвоиро пурра овардааст. Матлаи ғазали мавриди ҷавоби Содиқ ин аст:

Ишқ ку, то нав кунам бо дӯст паймоне дуруст?
В-аз фиғон дар шаҳр нагзорам гиребоне дуруст.

Ғазали ҷавобияи Содиқ ин аст:

Гар чу ман бинад фалак з-он шӯх паймоне дуруст,
Ҷомаи исмат намонад бо гиребоне дуруст.
Ним мижгон дар дилам сад сузани алмос зад,
То ба ҷони ман чӣ хоҳад кард мижгоне дуруст.
Кори нафхи сур кардӣ шоми навмедӣ, зи заъф,
Гар бурун меомадӣ аз сина афғоне дуруст.
Дар буни ҳар мӯям аз зулфи ту куфре музмар аст,
Дар мусулмонӣ ҳамин мебошад имоне дуруст.
Сурати оийнаи рӯяш чу ояд дар назар,
Тӯтии табъи ту хоҳад кард девоне дуруст.

Мутрибӣ ба ашъори шоирони Эрон ҷавоб гуфтани боз ҷанде дигар шоирони Мовароуннаҳр аз қабили Мушфиқии Бухорой, Шаҳрии Самарқандӣ, Васлии Самарқандӣ, Шамсии Уротеппагӣ ва дигарон ишораҳо кардааст.

Бо вуҷуди ин ҷавобу татаббӯоти шоирони асри XVI ба ашъори суханварони Эрон бо намунаҳои дар боло оварда шудаи он маҳдуд нест. ИН намунаҳо, ки бештар аз осори шоирони асри XVI мебошанд, муште аз хирворанд, зеро Мутрибӣ дар зикри шоирони Мовароуннаҳр на ҳамеша аз ин машғулоти эҷодии онҳо ёдовар шудааст ва намунаҳо овардааст.

Бештар ба ҷавоби ашъори шоирони Эрон ва гоҳо Ҳинд машғул шудани шоирони Мовароуннаҳр боиси он гардид, ки баъзе сухансароёни кишварҳои мазкур шеъри санъаткоронае гуфта, ба Мовароуннаҳр мефиристоданд ва ҳамқаламони мовароуннаҳрии худро ба ҷавоб гуфтани он даъват менамуданд. Ин ҳодиса робитаи эҷодии байни шоирони ин ду кишварро ба пояи баландтаре бардошт. Дар ин ташаббуси эҷодӣ хусусан Валии Даштибаёзӣ пешқадам будааст. Ин шоири номии Эрон боре бо матлаи зайл ғазале гуфта, ба Мовароуннаҳр фиристодааст:

Шаб, ки қуфли дари хурсандиям афғон бишкаст,

Нола кардам, ки қафас бар ҳама мурғон бишкаст.

Муҳимаш ин аст, ки иқдом ва ташаббуси шоири Эрон дар барқарор кардани робитаи эҷодӣ бо шоирони Мовароуннаҳр беҷавоб намондааст. Бисёре аз шоирони Мовароуннаҳр даъвати шоири Эронро пазируфта, ба ҷавоб гуфтани ғазали ирсол кардаи ӯ пардохтаанд.

Шоири Эрон ихтилофу хусумати мазҳабии байни кишвари худ ва Мовароуннаҳрро огоҳона сарфи назар намуда ва расман ба мазҳаби мухолиф мансуб буданашро ба эътибор нагирифта, бо ангезаи қувваи суханварӣ аз таассуби мазҳабӣ халос шуда, ғоибона, аз дур истода ба ҳамқаламони мовароуннаҳрии худ дасти иттифоқ ва дӯстию бародарӣ дароз кардааст. Шоирони Мовароуннаҳр низ дасти ӯро гирифтаанд, бо ӯ ҳамовозу ҳамраъй гардидаанд.

Бинобар хабари Мутрибӣ қариб 20 нафар аз шоирони Мовароуннаҳр ба гуфтани ҷавоби ин ғазали Валии Даштибаёзӣ пардохтаанд, ки аз ҷумлаи онҳо тазкиранавис Нозимии Карминагии Самарқандӣ, Фаршии Самарқандӣ, Ашкии Самарқандӣ, Шамсии Ӯротеппагӣ, Завқии Миёнколӣ, Шаҳрии Самарқандӣ, Рашкӣ ва Сайрафиро ном бурда, ғазалҳои ҷавобиашонро дар тазкирааш дарҷ кардааст. Шоирони номбурода, чунон ки аз ахбороти Мутрибӣ дар бораи онҳо маълум мегардад, ҳама намояндагони муҳити адабии Самарқанд будаанд. Танҳо дар бораи ду шоири охирин Рашкӣ ва Сайрафӣ дар тазкираи Мутрибӣ маълумот дода нашудааст. Бо вуҷуди ин

гуфтан мумкин аст, ки фаъолияти эҷодии онҳо низ дар Самарқанд ҷараён доштааст. Аз ин рӯ чунин менамояд, ки Валии Даштибаёзӣ он ғазали худро барои ҷавоб гуфтан ба Самарқанд фиристода будааст ва тақрибан ҳамаи он бист нафар шоире, ки ба ӯ ҷавоб навиштаанд ба ҳамин муҳити адабӣ мансуб будаанд.

Афсус, ки Мутрибӣ танҳо матлаи ғазали Валии Даштибаёзиро овардааст. Бинобар ин имкони муқоисаи ғазалҳои ҷавобии шоирони Самарқанд бо ғазали мавриди ҷавоб нест. Бо вуҷуди ин ғазалҳои ҷавобиро дар поин дарҷ мекунем, то дараҷаи иқтидори эҷодии шоирони Мовароуннаҳр дар ин равияи адабӣ маълум шавад.

Ҷавоби Нозимӣ:

Ишваат ништари ғам то ба раги ҷон бишикаст,
Қафаси булбулу рашки дил аз афғон бишикаст.
Ваъдаи ғамзаи пиндори ту аз тарзи фириб,
Ба дили бовари ҷон наваки ҳирмон бишикаст.
Пайи дардам чи шавӣ ранҷа, табибо, ки зи меҳр,
Ишқ алмоси муҳаббат паи дармон бишикаст.
Ба дилам нолаи ноқуси бараҳман дар дайр,
Куфр дардод садо, равнақи имон бишикаст.
Нозимӣ дар кафи пойи дили тоқатойин,
Шишаи обила аз неши муғелон бишикаст.

Ҷавоби Завқӣ:

То ба захми дили мо тири ту пайкон бишикаст,
Офият аҳди вафодории дармон бишикаст.
Дили насронии мо дар ҳаваси нашъаи куфр,
Тавба аз нанги вараъ бар сари имон бишикаст.
Пайрави ташналабе бош, ки дар тобаи ҳашр,
Ҳимматаш соғари оби кафи ризвон бишикаст.
Тутиё соз ғубори қаламеро, ки бар он,
Дар раҳи Каъбаи мақсуд муғелон бишикаст.

Завқиё, хаста шудан гир, ки хунобаи захм,
Дар дили мо ҳаваси чашмаи ҳайвон бишикаст.

Ҷавоби Сайрафӣ:

Турки чашмат ба дилам новаки мижгон бишикаст,
Лаззати тири ту хосияти дармон бишикаст.
Ҷой дар хонаи дил кун, ки ду чашми пурхун
Киштии Нӯҳ ба як мавҷаи тӯфон бишикаст.
Юсуфи ҳусн чу дар Мисри дилам гашт Азиз,
Хорҳо дар қадами ғайр ба Канъон бишикаст.
Буд аз андешаи холӣ лаби ӯ дӯш магар
Ҳизри ҷоме, ки ба сарчашмаи ҳайвон бишикаст.
Сайрафӣ, фикри ҷунуни дили худ кун к-имрӯз
Аз дилам сабр кунун байъату паймон бишикаст.

Ҷавоби Фаршӣ:

Кофири чашми ту то равнақи имон бишикаст,
Зоҳиди гӯшанишин тавба зи исён бишикаст.
Дошт бо захми дилам нашъаи дармон майле,
Тири мижгони ту омад, дили дармон бишикаст.
Домани сабри маро хори тазаллум бидароид,
Дасти уммеди моро панҷаи ҳиҷрон бишикаст.
Нолаам беасар афтод ба навъе ки дигар,
Ҳафаси наъра баровардану афғон бишикаст.
Гӯиё пур шуда паймонаи умрат, Фаршӣ,
К-он бути аҳдшикан омаду паймон бишикаст.

Ҷавоби Ашкӣ:

Тифли ашкам чу дари дида зи ҳиҷрон бишикаст,
Шишаи сарв ба санги яди афғон бишикаст.
Чеҳра то куфри сари зулфи ту эй бут, бинамуд,
Нархи имон ба сари чорсуи ҷон бишикаст.
Номаи ҳаҷри маро хост барад мурғи умед,

Пару болаш зи гаронбории ҳиҷрон бишикаст.
Мижа то соя ба саҳни гули рӯяш андохт,
Сунбули хам ба хам аз сояи мижгон бишикаст.
Нахли уммеди ман аз санги маломат, Ашкӣ,
Ба ҳавои қади он сарви хиромон бишикаст.

Ҷавоби Рашкӣ:

Ҳар гаҳ он шӯх ба рӯх зулфи чу райҳон бишикаст,
Куфр бинмуд руху равнақи имон бишикаст.
Растахезе ба даме кард ду сад раҳ оғоз,
Наргиси ишвагарат то сафи мижгон бишикаст.
То ба Рух куфри сари зулфи сияҳ бинмудӣ,
Мазҳабу миллати сад габру мусулмон бишикаст.
Дилам аз завқ тапон баҳри ханги дигар  аст,
Навакаш то ба дилам ғунчаи пайкон бишикаст.
Рашкиё, бар сари реши дилат алмоси ҷафо
Дасти бедоду ситезаш пайи дармон бишикаст.

Ҷавоби Шамсӣ:

То зи ҳасрат, маҳи ман, тири ту пайкон бишикаст,
Ба дили хаста маро хоҳиши дармон бишикаст.
Бурқаъ афканда ба рух дар чаман аз ноз гузашт,
Зи сафо равнақи ҳусни гули бӯстон бишикаст.
Ҷуръаи бодаи ноби лаби рӯҳафзоят
Равнақи кавсару сарчашмаи ҳайвон бишикаст.
Дӯш тарсобачае ғамзазанон сӯям дид,
Баст зуннор маро, тавба зи ғуфрон бишикаст.
Орзу гашт маро бодаи васл, эй Шамсӣ,
Ҳаҷри ҷоми майи ғам бар лаби ҳирмон бишикаст.

Ҷавоби Шаҳрӣ:

Соғари айши маро соқии даврон бишикаст,
Аҳд барбаст ба ман он буту паймон бишикаст.

Пой аз кӯи маломат накашидам ҳаргиз,
Гарчи бисёр маро сар зи рақибон бишикаст.
Ҷон фидо чун накунам дар раҳи гулбарги таре,
Ки пайи қатли ман ӯ гӯшаи домон бишикаст.
То ба завқи майи куфри ту шудам вобаста,
Нашъаи куфри туам соғари имон бишикаст.
Дошт ҷонам ҳаваси дидани он рӯ, Шаҳрӣ,
Дидам он рӯю маро орзуи ҷон бишикаст.

Ҳамон навъе ки пеш аз ин ёдовар шудем, шоироне, ки ба ғазали Валии Даштибаёзӣ ҷавобҳо навишта будаанд, аз рӯи ҳисоби Мутрибӣ қариб 20 нафарро ташкил мекарданд. Аммо чунон, ки дида мешавад, тазкиранавис аз ҷумлаи онҳо, ки яқинан ҳама намояндагони маркази адабии Самарқанд мебошанд, танҳо 8 нафарро интихоб карда, ғазалҳои ҷавобияи онҳоро дар мавриди зикри аҳвол ва намунаи ашъори Шаҳрии Самарқандӣ дарҷ кардааст. Зоҳиран ин 8 нафар бинобар шоирони тавоно ва намоён буданашон, инчунин нисбат ба дигарон бомуваффақият воқеъ шудани ҷавобияи онҳо интихоб гардида, сазовори дарҷ ёфтан дар тазкира ҳисоб карда шудаанд.[2]

Аммо Мутрибӣ дар тазкираи худ он ғазали барои ҷавоб гуфтан ба Мовароуннаҳр, аниқтараш ба маркази адабии Самарқанд фиристодаи Валии Даштибаёзиро пурра наоварда, танҳо матлаи онро дар мавриди зикри шоир Шаҳрии Самарқандӣ дарҷ кардааст. Бинобар ин ба мо маълум нест, ки шоири Эрон ба шоирони Мовароуннаҳр ғазали худро ба шакли том фиристодааст ё танҳо матлаи онро. Агар ғазали Валӣ ба шакли пурра дар даст мебуд, имконияти байт ба байт муқоиса намудани ғазалҳои ҷавобияи дар даст буда ва ғазали мавриди ҷавоб фароҳам меомад,ки дар натиҷаи ин то кадом дараҷа эҷодкорона ва асари мустақили адабӣ будани шеърҳои ҷавобӣ комилан равшан мегашт.

Бо вуҷуди ин масъалаи мазкур, яъне характери эҷодӣ доштани ғазалҳои ҷавобии шоирони Мовароуннаҳр аз баррасии муқоисавии матлаи қазали

---

[2] Тазкираи Мутрибӣ, саҳ. 654-658

Валии Даштибаёзӣ ва матлаи ғазалҳои ҷавобия ҳам ба андозае маълум хоҳад шуд. Муқоисаи танҳо байти матлаи ғазалҳои ҷавобӣ бо матлаи Валии Даштибаёзӣ аввало ҳаминро нишон медиҳад, ки шоирони Мовароуннаҳр ба ғазали шоири Эрон ба таври эҷодкорона муносибат кардаанд. Дар ҳамаи онҳо фақат вазну қофияи ғазали мавриди ҷавоб нигоҳ дошта шуда, вале мазмун ва шакли ифодаи бадеии он тағйир ёфтааст. Дар ҳеч кадоми онҳо мазмуни матлаи мавриди ҷавоб ва унсурҳои шакли ифодаи бадеии он такрор наёфтааст. Танҳо вазну қофияву радиф ва мавзӯи онҳо ба тарзи умумие ғазали мавриди ҷавобро ба хотир меорад.

Дар навбати худ ҳар матлаи ғазалҳои ҷавобӣ монанди тамоми матни пурраи онҳо аз назари чи мазмун ва чи ифодаи бадеи яке ба дигаре монанд набуда, ҳар як басари худ нуктаи тозаи шоирона ба сухани мустақили эҷодие ба шумор мерававнд.Дар сурате ки Валӣ дар матлаи худ мегуяд: нолаи афғони шабонаи ман на танҳо қуфли дари хурсандиям, балки қафаси ҳама мурғонро низ шикаст, масалан Нозимӣ дар матлаи ғазали ҷавобияи худ гуё аз байти асл сарфи назар намуда, образи маҳбубаро ба сухан ворид мекунад ва мегӯяд, ки ишваи ӯ ништари ғамро то ба раги ҷони ошиқ халонда бишикаст, ки аз ин қафаси булбул ҳам, рашки дил ҳам аз афғон шикаста гардид. Дар ин ҷо чизе ки матлаи мавриди ҷавобро ба ёд меорад, истифода шудани калимаҳои «қафас» ва «афғон» мебошад. Бо вуҷуди ин аз шикасти қафаси булбул бо таъсири нолаву афғони ошиқ сухан гуфтани шоир ба равияи мазмуни байти асл аст, ки ин умуман яке аз талаботи асосӣ нисбати шеъри ҷавобия ҳисоб мешуд. Аммо Нозимӣ ҳамин талаботи ҷавоб ва назирагӯиро риоя карда бошад ҳам, умуман дар байти матлаи худ мазмуни матлаи Валиро тағйир додааст. Илова бар ин дар ифодаи бадеии мазмуни матлаи ӯ мисли «ништари ғам» ва «раги ҷон» истиораҳое корбаст шудаанд, ки дар матлаи асл дида намешаванд ва чунон ки намунаҳои ашъори дар тазкираи Мутрибӣ омадаи ин шоири забарти Мовароуннаҳр нишон медиҳанд, чунин истиораҳои нозук умуман дар осори ӯ бисёр корбаст шуда, аз хусусиятҳои услуби эҷодии ин шоир ҳисоб мешудааст. Ба ин маъни Нозимӣ дар бадеиёти матлаи ҷавобии

худ низ симои хосси эчодиашро зоҳир намудааст. Танҳо истиораи «рашки дил» дар байти ӯ ба назари мо номуносиб ва бемантиқ менамояд. Гумон меравад, ки ин истиора дар натичаи ба хато роҳ додани котибони тазкираи Мутрибӣ ё шеъриҳои худи Нозимӣ ба вучуд омадааст.

Матлаи чавоби Завқӣ аз матлаи Валӣ дида ва ба матлаи чавобии Нозимӣ наздиктар воқеъ шудааст; чунон, ки агар Нозимӣ аз шикастани ништари ғам ба раги чон сухан гуфта бошад, Завқӣ ҳам ба равияи ӯ аз шикастани тири маҳбуба ба захми дили ошиқ ҳарф задааст, ҳар чанд ки ӯ дар мисраи дуюми байти худ ба мазмуни дигар сухан гуфтааст, ки аз ҳамин мисраи байти чи Нозимӣ ва чи Валии Даштибаёзи ба кулли фарқ мекунад.

Чавоби Сайрафӣ ҳам аз матлаи Валии Даштибаёзӣ дур шуда дар мисраи аввали худ ба чавобҳои Нозимӣ ва Завқӣ шабоҳат пайдо кардааст. Дар он ба дили ошиқ шикастани новаки мижгони чашми дилбар тасвир гардидааст, яъне шоир тири «пайкон»-и Завқӣ ва «ништари ғам»-и Нозимиро ба «новаки мижгон» иваз кардааст, дар сурате ки чунин мазмун ва истиораҳо дар матлаи Валӣ нестанд. Ба назар мерасад, ки шоирони Мовароуннаҳр ба ном ба матлаи Валии Даштибаёзӣ чавоб гуфта бошанд ҳам, вале чавобҳои онҳо аз матлаи асл дида ба чавобҳои якдигар наздиктар воқеъ шудааст, ҳамон тавре ки Шамсӣ ҳам дар чавоби худ ба ҳамовозии се шоири ҳамватанаш аз шикастани тири пайкани маҳбуба ба дили ошиқ ҳарф задаст.

Аммо дигар чавобнависони матлаи Валии Даштибаёзӣ аз чумлаи он 8 нафар дар ҳамовозӣ ба равияи ҳамдигар сухан нагуфтаанд. Чавобҳои онҳо на ба матлаи асл ва мавриди чавоб на ба чавобҳои чор шоири дар боло зикр шуда монандие надоранд. Аз чумла Фаршӣ ба чои тири пайкону новаки мижгону ништари ғами он чор шоир «кофири чашм»-и маъшукро ба кор андохта, аз равнақи имонро шикастани ин кофир ва аз исён тавбаи худро шикастани зоҳиди гушанишин гап мезанад ва инони суханро ба тарафи оҳанги суфиёнаи рамзӣ мекашонад, ки дар байтҳои дар боло баррасӣ шуда мислаш дида намешаванд. Дар чавоби Рашкӣ низ оҳанги куфр ва равнақи имонро шикастани он гузориш ёфта, «кофири чашм»-и байти Фаршӣ ба

«куфри рух» иваз шудааст. Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки Рашкӣ оҳанги мазкурро дар байти худ дар ба тақлид ё пайравии байти Фаршӣ ё баръакс Фаршӣ дар пайравӣ аз Рашкӣ гузориш дода бошанд. Рашкӣ дар байти худ мазмуни дигареро эҷод кардааст, ки аз байти Фаршӣ ва хусусан аз байти Валӣ тамоман фарқ мекунад.

Ашкӣ бошад дар ҷавоби худ образи «тифли ашк»-ро ворид карда, аз ҳиҷрон дари дидаи ошиқро шикастани он (тифли ашк) ва вобаста ба ҳамин нишон сабри ӯро бо санги дасти афғон шикастани ӯ ишора менамояд. Дар байти ӯ фақат оҳанги «афғон» матлаи ғазали Валиро ба ёд оварда, аммо мазмуни байт ва хусусан ифодаи бадеии истиоравии он аз матлаи мавриди ҷавоб фарқи куллӣ пайдо кардааст.

Ва ниҳоят Шаҳрӣ дар матлаи худ образи «соқии даврон»-ро мавриди гуфтугӯ қарор дода, аз дасти ӯ шикаста шудани соғари айши худро баён мекунад ва мувофиқи ҳамин дар мисраи дуюм аз аҳду паймони бо ошиқ бастаи худро шикастани маъшуқ сухан мегӯяд, Шаҳрӣ ҳам дар ҷавоби байти Валӣ мустақилӣ ва эҷодкории худро нишон дода тавонистааст.

Ба ин тариқ, шоирони мовароуннаҳр дар ҷавоби ғазал ё матлаи шоири Эрон на танҳо истиқлоли табъ ва эҷодкории худ, балки иқтидору тавоноии суханвариашонро низ собит кардаанд. Аслан шоири забардасти Эрон барои маълум кардани ҳамин қуввати табъ ва тавоноии эҷодии онҳо шеърашро барои ҷавоб гуфтан ба Мовароуннаҳр фиристода буд. Барои шоирони Мовароуннаҳр ин ҳодиса як навъ санҷиш буд. Онҳо бо гуфтани ҷавобҳои сазовори эҷодкорона аз ин санҷиш  бо муваффақкият гузаштаанд.

Валии Даштибаёзӣ бори дигар рубоии зеринро дар мавзӯи шамъу парвона гуфта, ба Мовароуннаҳр фиристода ва шоиронро ба гуфтани ҷавоби он даъват намудааст:

Парвона, ки шамъаш ҳавасафзо бошад,  
Ҷуз сӯхтанаш чаро таманно бошад?  
Ғайрат нагузорадаш, ки дар  базми касон,  
Ӯ зиндаву ёр маҷлисоро бошад.

Аммо аз тазкираи Мутрибӣ маълум намешавад, ки ба ин рубоии Даштибаёзӣ кадом шоирони Мовароуннаҳр ҷавоб гуфтаанд. Тазкиранавис танҳо дар мавриди зикри Хиргоҳии Ҳисорӣ аз рубоии ҷавобии ӯ ёдовар шудааст. Азбаски ин шоир низ аз рӯи таҳқиқоти мо дар Самарқанд эҷод кардааст, метавон гуфт, ки Валии Даштибаёзӣ рубоии мазкури худро низ ба Самарқанд фиристода ва ба эҳтимоли қавӣ ин бор ҳам чанде аз шоирони ҳамин муҳити адабӣ ба шеъри ӯ ҷавобҳо гуфтаанд.

Навбати дигар шоири эронӣ Саноии Машҳадӣ аз ҳиндустон «Корнома» ном қасидае, ки дар он аз адади як то сад ба тартиб дарҷ гирифтааст, иншо карда, ба шоирони Мовароуннаҳр фиристодааст ва аз онҳо ҷавоб хостааст.

Ба ин қасида ҷавоб гуфтани Нисорӣ аз шоирони Бухоро ва аз шоирони Самарқанд Мутрибии тазкиранавис маълум аст. Эҳтимол меравад, Санной қасидаи худро барои шоирони Бухоро фиристода ва ба он ба қатори намояндагони ҳамин муҳити адабӣ Мутрибӣ низ вақти дар назди Нисорӣ ба таҳсили илми бадеъ машғул буданаш ҷавоб навиштааст.

Чунин ҳодисаҳои аз шоирони мовароуннаҳр ба шеърҳои худ ҷавоб хостани сухансароёни Эрон албатта ба дараҷаи ҷавобу татаббӯоти ихтиёрии шоирони тоҷик ба ашъори онҳо бисёр ва маъмул набошад ҳам, вале дар равобити эҷодии адибони ду кишвар аҳамияти хосса дошт. Ин ҳодисаҳо агар аз як тараф далели пайвандҳои адабии байни Мовароуннаҳру Эрон ва равобити эҷодии шоирони ду кишвар бошанд, аз тарафи дигар гувоҳи равшани эътибори ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр ва аз ҷониби сухансароёни Эрон эътироф гардидани иқтидори эҷодии шоирони он мебошанд.

Бо вуҷуди ин мусаллам аст, ки шоирони Эрон дар суханофаринӣ муқаддам буда, ашъорашон барои шоирони тоҷик намунаи ибрати эҷодӣ ва ҳамеша мавриди назар ва пайравӣ қарор гирифтааст. Дар воқеъ дар манбаъҳо ҳуҷҷате, ки аз шеърҳои худро барои ҷавоб ба шоирони Эрон ирсол кардани ягон шоири тоҷик ё ба ашъори шоирони Мовароуннаҳр ҷавоб гуфтани ягон шоири он кишвар гувоҳӣ диҳад, ба назари мо нарасидааст.

Далели дигари эътибори шоирони намоёни Эрони ин давр назди шоирони Мовароуннаҳр барои шарҳу тафсири баъзе нуктаҳои торик ва баҳсноки ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз ба шоири бузург Соиби Табрезӣ муроҷиат каридани гурӯҳе аз аҳли адаби тоҷик ва аз ӯ ҷавоб гирифтани онҳо мебошад. Ин ҳуҷҷат аз тарафи дигар гувоҳи барқарор гардидани робитаҳои мустақими байни адибони Мовароуннаҳру Эрон ва боз ҳам наздиктар шудани муносибатҳои адабии байни ду мамлакат дар нимаи дуюми асри XVII мебошад.

Бо вуҷуди ин ҳодисаи аз ҳама маъмул, вусъатнок ва пураҳамият дар муносибатҳои адабии ду кивар беш аз пеш ривоҷ гирифтани ҷавобу татаббӯоти шоирони тоҷик ба ашъори шоирони Эрон дар нимаи дуюми асри XVII ҳисоб мешавад. Дар байни шоирони Мовароуннаҳри ин аср ашъори чандин сухансароёни Эрон монанди Калими Кошонӣ, Урфии Шерозӣ, Соиби Табрезӣ, Нозимӣ Ҳиротӣ, Ҷалоли Асир Қосими Девонаи Нишопурӣ ва дигарон шӯҳрат пайдо карда, пайваста мавриди ҷавобу татаббӯъ қарор гирифта буданд. Тақрибан ҳар як шоир асосан ба як ду нафар устоди сабки ҷадиди шеърӣ, ки ҳоло онро сабки ҳиндӣ меноманд, мӯътақид буда, пайваста ашъори ӯро татаббӯъ мекард. Масалан аз шоирони Самарқанд Аршад ва Афсар ба Ҷалоли Асирт ва Қосими Девона, Ғафури Самарқандӣ ба Соиб, Ҷавҳар ба Нозим, аз шоирони Бухоро Сайидо ва Мулҳам ба Соиб ва ғайра пайравӣ менамуданд.

Ривоҷи ҷавоб ва татаббӯот умуман дар шеъри асрҳои XVI-XVII намоишгари он аст, ки адабиёти тоҷикӣ дар ин давр аз ҳамин роҳи тараққиёт рафтааст. Мо донистаaз тараққиёти адабиёти тоҷикӣ дар давраи мазкур ҳарф мезанем. Зеро қариб саросар бо ҷавобу таттаббӯи ашъори сухансароёни забардасти гузашта ва муосири Эрон ва баъзе намояндагони ҳавзаи адабии Ҳинд саргарм будани шоирони тоҷик зоҳиран чунин тасаввурро ба вуҷуд меорад, ки гӯё шеъри ин давр роҳи пайравӣ ва тақлидро паймуда, шоирон дар чорчӯбаи ҷавобу татаббӯи осори суханварони тавоно қалам рондааст ва бинобар ин шеър асолат ва тозагии худро аз даст додааст. Аммо омӯзиши

дақиқи табиат ва хусусияти чавобу татаббуоти шеърӣ чунин тасаввурро ботил мегардонад.

Шеъри чавобия ва татаббӯъ танҳо пайравии шакли зоҳирии шеъри мавриди чавоб ё татаббӯъ аст, яъне танҳо бо риояи вазнну қофияву радиф ва то андозае доираи мавзӯоти он навишта мешавад. Аммо дар ифодаи бадеии мазмун ва образофаринӣ, ки чавҳари шеър ҳисоб мешавад, шоири чавоб ё татаббӯънавис тамоман мустақил ва озод аст. Чунон ки инро дар намунаҳои чавобияҳои шоирони асри XVI дидем, шоири чавобнавис дар қолаби шеър пойбанди шеъри мавриди чавоб аст, чун пайрав ва муқаллиди шоири дигар намоён мешавад, вале дар асли шеър чун эчодкор ва суханофарин амал мекунад, симои хосси эчоди худро нишон медиҳад. Зиёда аз ин ҳадафи шоирон аз чавобу татаббӯи ашъори устодони сухан нишон додани маҳорати адабӣ ва офаридани шеърҳои олӣ ба назири онҳо буд. Шоире, ки ба гуфтани чавоб ё татаббӯъи шеъри шоири устоде иқдом менамуд, ба эчоди шеъри устодона кӯшиш мекард. Бинобар ин чавобу татаббӯи осори бузургони сухан намоиши маҳорат ва истеъдоди адабӣ, кӯшиши баробарӣ ва ҳатто сабқат ёфтан бар бузургон буда, шоиронро ба сайқали маҳорати эчодӣ водор менамуд. Беҳуда нест, ки тазкиранавис Малеҳо аз чавобу татаббӯоти шоирони Мовароуннаҳр ба ашъори сухансароёни устоди Эрон сухан ронда, ин машғулоти онҳоро на пайравӣ ё тақлид, балки қариб дар ҳама мавридҳо «талош» хондааст. Чунончи дар зикри Афсари Самарқндӣ менависад: «Мӯътақиди ашъори Мирзо Чалоли Асир аст, дар фикри шеър талоши ӯ мекунад». Ва ё дар бораи Аршади Самарқандӣ мегӯяд: «Талоши Қосими Девона мекунад».[3] Истилоҳи «талош» дар роҳи пайравиҳои эчодкорона бо устодони сухан баробарӣ ва мусобиқа кардани шоиронро дуруст ифода менамояд.

Дар асарҳои мансуре, ки низ «Шабистони хаёл»-и Фаттоҳии Нишопурӣ ва баъзе дигар осори насрии давраҳои пеш навишта шудаанд, айнан ҳамин тозагии мазмун ва эчодкории суханро мебинем: Масалан дар «Шамъи

---

[3] Тазкираи Малеҳо, саҳ. 25 - 30.

шабистон»-и Мулло Турсуни Фароизӣ танҳо дар шакли зоҳирӣ, яъне ба тарзи нукта баён намудани фикру андешаҳо ба «Шабистони хаёл» пайрави шуда, вале мазмуни асар, чунон ки дар ду нуктаи маҳфуз мондаи он мебинем, тамоман тоза аст ва бо асари Фаттоҳӣ муносибате надорад:

«Нукта: Эй дарвеш, аз тавонгарони шаҳри Самарқанд бигурез, ки эшон нақши қалбанд ва дили муфлисони ӯро ба даст ор, ки дирами сараанд».

«Нукта: Азизам, бидон ки вазорат тарозуи қалб аст, чунки ҳар гоҳ «тарозу» қалб шавад, «вазорат» ҳосил гардад. Дар калимаи «девон» алиф мушобеҳи қалам аст ва нун мамосили давот, ҳар гоҳ аз калимаи мазкур «он» бартараф шавад, «дев» дар назар ояд. Чун девонӣ ба авсофи диёнат ороста набошад, деве бошад, ки давоту қалам дар канор ниҳода».[4]

Пас ривочи чавобу татаббӯъ дар адабиёти точикии ин давр ба чустучӯҳои ғояви ва бадеии адибон монеъ нашудааст. Адибони точик дар ин давр зоҳиран бо роҳи пайравӣ рафта бошанд ҳам, аммо аслан чи дар мазмун ва чи дар шакли бадеии асарҳои худ эчодкорӣ нишон доданд. Далели возеҳи ривочи эчодии адабиёти точик дар ин давр бозёфти мазмунҳои тозаи бадей ва ихтирои образҳои шоирона чи дар осори мустақил ва чи дар чавобу татаббӯоти он мебошад.

Ривочу вусъати ҳодисаи ривочу татаббӯъ дар эчодиёти шоирони асрҳои XVI-XVII Мовароуннаҳр ба дарачаи зиёд вобаста ба интишори сабки нави шеърӣ дар назми точикии ин давр будааст.

Тадқиқот нишон дод, ки сабки чадиди шеърие, ки дар нимаи дуюми асри XVI нахуст дар эчодиёти чанде  шоирони навпардози Эрон аз қабили Урфии Шерозӣ (1555-1591), Назирии Нишопурӣ  (ваф. 1612) Толиби Омулӣ (ваф. 1623) ва дигарон ба вучуд омада буд, ба зудӣ дар охирҳои ин аср ба шеъри точикӣ низ сар даровarda ва мавриди истиқболи шоирони Мовароуннаҳр қарор гирифтааст. Ин сабки чадиди эчодӣ, ки ҳоло онро дар адабиётшиносӣ ба сабки ҳиндӣ номзод карда, ба ҳамин ном шуҳрат додаанд, аслан дар давраи пайдоиш ва аввлҳои интишори худ бо номи «шеъри тарз» шинохта

---

[4] Садри Саъдиев. Адабиёти точик дар асри XVII, Душанбе: Дониш, 1985, саҳ. 49.

шуда будааст. Тазкиранависони Моварounнаҳр Мутрибӣ ва Малеҳо, яке дар аввал ва дигаре дар охирҳои асри XVII онро бо ҳамин ном ёдовар шудаанд. Мутрибӣ чунончи дар мавриди зикри Ашкии Самарқандӣ, яке аз шоирони пурзӯри навпардози Мовароуннаҳри замони худ, ки ба ин сабки чадид пайравӣ кардааст, ба маншаи он низ ишора кардааст: «Аз шуарои навхези шакаррез аст, бештар ашъораш ба тарзи Ироқ мутарраз аст».[5] Дар мавридҳои дигар ҳам Мутрибӣ сабки чадиди шеърииро бо номи «тарзи Ироқӣ» зикр намудааст, аз чумла дар мавриде навиштааст, ки «қӯрчии ҳокими Балх Абдулмӯъминхон тавру тариқи шуарои Мовароуннаҳрро қабул надошта ва тарзи Ироқро мӯътақид буда».[6] Дар ин чо манзур аз «тавру тариқи шуарои Мовароуннаҳр» сабки қадима ва анъанавист, ки дар эчодиёти аксари шоирони ин минтақа чорӣ буд ва «тарзи Ироқ» сабки чадиди шеърист, ки дар нимаи дуюми асри XVI дар эчодиёти як қатор сухансароёни Эрон (Ироқ) падид омада буд. Шубҳае нест, ки манзури Мутрибӣ аз «тарзи Ироқ» на сабки ироқии пешина (асри XII), балки маҳз сабки нави мансуб ба давраи ӯст. Малеҳо низ сабки навро «шеъри тарз» ва пайравони онро «аҳлӣ тарз» номидааст.

Инак, бинобар тасреҳи муаллифони манбаъҳои адабии он давр «шеъри тарз» ё «тарзи ироқӣ» зодаи ҳавзаи адабии Ироқ, яъне Эрон ва ба вучуд овардаи шоирони ин сарзамин будааст. Аммо бархилофи шаҳодати манбаъҳо баъзе муҳаққиқони таърихи адабиёти форсӣ ин сабки чадиди ироқиро сабки ҳиндӣ номида, онро зодаи муҳити Ҳиндустон ва мутааллиқ ба эчодиёти шоирони ин кишвар донистааст. Агар хато накунем, ин ақидаро нахуст адабиётшиносӣ Ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ дар тадқиқоти худ «Шеър ул-ачам» пеш ронда ва дар пайгирӣ аз ӯ ҳоло ҳамаи муҳаққиқони адабиёти форсӣ ва точикӣ дар Точикистон ва Аврупо сабки мазкури шеърииро чун сабки ҳиндӣ ба забон мегиранд.

---

[5] Тазкираи Мутрибӣ, саҳ. 203.
[6] Тазкираи Мутрибӣ, саҳ. 588.

Сабки нави ироқӣ ё эронӣ аз охирҳои асри XVI дар мовароуннаҳр аввалин пайравони худро пайдо кардааст, ки онҳоро чи аз намунаҳои дар тазкираи Мутрибӣ омадаи ашъорашон ва баъзан аз рӯи ахбороти муаллифи ин манбаъ муайян кардан ва ташхис додан мумкин аст. Баъзе аз пайравони сабки навро Мутрибӣ мушаххасан нишон дода, вале аз хусуси навпардозиҳои чанде дигар пайрави он хомӯш монда бошад ҳам, намунаҳои осорашон аз нисбати онҳо ба «шеъри тарз» гувоҳӣ медиҳанд. Инак яке аз шоироне навпардози Мовароуннаҳр, ки аз «тарзи ироқӣ» истиқбол намуда, бинобар тасреҳи Мутрибӣ аксари ашъори худро ба ҳамин сабк эчод кардааст, Ашкии Самарқандӣ мебошад. Дар намунаҳои ашъори ӯ дар тазкираи Мутрибӣ дар ҳақиқат ҳамон назокати маънӣ ва истиораҳои латифи хосси «шеъри тарз» равшан ба мушоҳида мерасанд, аз чумла дар ин рӯбой:

Рашкаш ба дилам оташи ҳасрат мерехт,
Ғам резаи дард бар чароҳат мерехт,
Ҳарчанд, ки дарду ранч чонам мекост,
Аз дидаи ман меҳру муҳаббат мерехт.

Ашъори шоири пурзӯри Мовароуннаҳри ин давр Нозимии Карминагӣ ҳам, агарчи Мутрибӣ ба пайравии ӯ ба сабки чадиди шеърӣ ишора накардааст, чунон ки маъниҳои нисбатан дақиқ ва тасвирҳои нозуки намунаҳои онҳо гувоҳӣ медиҳанд, аз таъсири «шеъри тарз» холӣ нестанд. Инро дар ғазали зерини шоир мушоҳида мекунем:

Аз тафи ғайрат, дило, гар шӯълахез озар шавӣ,
Метавонӣ ҳамнишин бо чони ғампарвар шавӣ.
Гӯямат дил, гар зи тоқат дар тани дӯзахсиришт,
Чун самандар доначин аз резаи ахгар шавӣ.
Чон хоҳишкоҳу на дил пои тоқат устувор,
Гар зи тарзи ваъдаи меҳраш пайи бовар шавӣ.
зери ҳар мӯ дӯзахе дорам ниҳон аз тоби рашк,
Булҳавас, гар ёдам орӣ, мушти хокистар шавӣ.
Ҳосидо, дар дашти рашки шӯълахези Нозимӣ

Кай тавони пар задан, гар мурғи оташпар шавӣ.

Аз шоирони ҷавони боистеъдоди ин давр Мусибии Гӯрмирӣ (Самарқандӣ) ҳам, чунон ки як ғазали ӯ дар тазкираи Мутрибӣ равшан гувоҳӣ медиҳад, ба «шеъри тарз» пайравӣ намудааст, зеро дар шеъри ӯ назокату диққати махсуси ин сабки эҷодӣ боз бештар аст:

Ҳаё пӯшида дорад пеши рӯяш чашми гирёнам,
Даме сад бор меафтад назар бар пои мижгонам.
Ба ин дарде, ки ман дорам, бирав омода бош, эй дил,
Ки имшаб нолаҳои ҳайратомез аст дарбонам.
Басе ё қути тар бар доман аз лахти ҷигар дорам,
Дигар имшаб кӣ мегирад сари роҳи афғонам?
Чунон бигдохтам аз ғам, ки натвон карданам пайдо,
Агар сад раҳ бияндозӣ ба пеши чашми ҳиҷронам.
Мусибӣ, таъна бар доғи ҷунунаш мезанӣ, саҳл аст,
На Маҷнуне ҷудо, не лаззати ҷоки гиребонаш.

Намунаҳои ашъори дар тазкираи Мутрибӣ омадаи шоири тавоно Аршии Кешӣ ва шоирони ҷавон Фаршии Самарқандӣ, Қурайшии Миёнколӣ ва чанде дигар низ ба тариқи истиқбол аз «шеъри тарз» навишта шудаанд.

Эҳтимол дар байни шоирони ҷавони дар тазкираи Мутрибӣ зикр шудаи охирҳои асри XVI ва аввлҳои асри XVII боз баъзе дигар пайравони «тарзи ироқӣ» бошанд, ки муаллифи мазкур ба навпардозиҳои онҳо ишорае накарда ва аз намунаҳои ками ашъорашон низ ин нукта таъин намегардад. Аммо равшан аст, ки дар ин давр пайравони «шеъри тарз» ҳанӯз бисёр набудаанд. «Шеъри тарз» ба тозагӣ ба шеъри тоҷикӣ воридшуда, ҳанӯз пайравони зиёде надошт. Пайравони он асосан шоирони боистеъдоди ҷавон буданд. Вале онҳо то рафт зиёд мешуданд, то ҳадде ки дар нимаи дуюми асри XVII сабки ҷадиди ироқӣ дар шеъри тоҷикӣ ба мавқеи асосӣ соҳиб гашт.

Малеҳо шоирони замони худ, яъне нимаи дуюми қарни XVII-ро ба ду гурӯҳ «кӯҳнашоирон» ва навпардозон пайравони «шеъри тарз» ҷудо кардааст. Аз рӯи ишораҳои ин муаллиф қариб ҳамаи шоирони ҷавон таваҷҷӯҳ

ба «шеъри тарз» доштаанд. Тазкиранавис дар зикри шоирони чавон ё нисбатан чавони навпардоз оид ба тозагии сухан, мухтареот ва нозикиву диққати ашъори онҳо, пайравиҳои онҳо ба «шеъри тарз» ишораҳои сареҳ намудааст. Умуман гуфтан мумкин аст, ки дар охирҳои асри XVII ва аввалҳои асри XVIII сабки нави шеърӣ тақрибан тамоми шоиронро ба худ кашида, ба сабки асосии шеъри точикӣ табдил ёфта буд.

Аз ахбороти Малеҳо доир ба пайравони «шеъри тарз» аз он устодони ин сабки чадид хабар меёбем, ки дар байни шоирони Мовароуннаҳр шуҳрат дошта, ашъорашон ҳамеша мавриди назар ва чавобу татаббӯи онҳо қарор гирифта будааст. Инҳо Калим, Урфӣ, Қосими Девона, Нозим, Шавқат, Соиб ва чанде дигар будаанд. Фитрати Зардӯз ҳам, ки аз пайравони тавонои «шеъри тарз» буд, дар муқаддимаи достони «Козурписар»-и хеш устодони номбурдаи сабки чадидро якояк зикр намуда, худро дар тарзи шеър бо онҳо муқоиса ва баробар кардааст:

Фазои синаам чун ганчи Қорун
Лаболаб аз чавоҳирҳои мазмун.
Табиат аз хато гардида тоиб,
Ба фикри рост моил ҳамчу Соиб.
Ба ойини Калими соҳибэъчоз
Забон мегуфт дар тарзи сухан роз.
Ғанӣ гардида табъ аз ганчи маънӣ,
Ба амволи сухан гашта тасаллӣ.
Зи мисраъҳо хаёлам баста чун саф,
Алиро зулфиқоре дода бар каф.
Ба назми шӯхи ман дил дода Нозим,
Зи ҳусни маъниям дилро ба Қосим.
Чунон аз шӯри фикрам рафта аз чо,
Ки Шавкат кард аз вай айшпиро.

Равшан аст, ки Фитрат ин устодони сабки чадиди шеъриро аз рӯи таваччӯҳи шахсӣ ва завқи адабии худаш ном набурдааст. Шоирони зикр

кардаи ӯ ҳамон саромадон ва устодони маъруфи «шеъри тарз» мебошанд, ки дар Мовароуннаҳр машҳур буда, Малеҳо низ аз онҳо ном бурдааст. Аз бузургони ном бурдаи «шеъри тарз» ба истиснои Ғании Кашмирӣ ва Носиралии Ҳиндӣ, ки намояндагони муҳити адабии Ҳинд ба шумор мераванд, дигар ҳама суханварони Эрон буда, эчодиёти баъзе аз онҳо дар давраҳои муайян бо муҳити адабии Ҳинд вобастагӣ доштааст.

Дар маҳфилу мачлисҳои адабии Мовароуннаҳр низ гуфтугӯ ва баҳсҳо дар атрофии ашъори устодони «шеъри тарз» мерафт. Ин гуфтугӯву баҳсҳо дар мачлисҳои адабии доираҳои шаҳр боиси ривочи сухансанчӣ ва накди шеър гардида буданд. Дар ин мачлисҳои адабӣ Малеҳо низ чун шоир ва сухансанч фаъолона иштирок карда, мулоҳизаҳои нақдушшеърии худро доир ба ашъор ва байтҳои чудогонаи устодони дар боло номбар шудаи «шеъри тарз» баён намудааст.[7]

Ба ин тариқ, бо чорӣ шудани сабки нави ироқӣ дар эчодиёти шоирони Мовароуннаҳр дар охирҳои асри XVI ба баъд шеъри точикӣ ба марҳилаи нави ривочи таърихии худ ворид шуд. Ин сабк бинобар он ки ба мазмунофаринию нуктапардозӣ ва эчоди образҳои тозаи шоирона асос ёфта буд, шеъри точикиро ба пояи баландтари тараққиёт низ расонд.

Дар шеъри точикӣ чори гардидани сабки нави ироқӣ, ки аз эчодиёти суханварони Эрон маншаъ мегирифт, шуҳрати беандозаи шоирони навпардози ин кишвар, дар Мовароуннаҳр ривочи чавобу татаббӯоти шоирони точик ба ашъори устодони «тарзи ироқӣ» риштаҳои пайванди адабиёти точикиро бо адабиёти форсӣ боз ҳам мустаҳкамтар кард, боиси беш аз пеш таҳкиму тавсиа ёфтани робитаҳои байни онҳо гардид

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДА ШУДА


1. Ҳасанхоча Нисорий. Музаккири аҳбоб. Форс тилидан Исмоил Бегжон таржимаси.-Тошкент: Абдулла Қодирий номидаги халқ мероси нашриёти, 1993.


[7] С. Саъдиев. Малеҳаи Самарқандӣ ва тазкираи ӯ, саҳ. 43.

2. «Музокир ул-асҳоб» ё тазкират уш-шуарои Муҳаммад Бадеъ бинни Муҳаммад Шариф Малеҳои Самарқандӣ. Матни интиқоди ба эҳтимоли Камолиддин Садриддинзодаи Айнӣ. –Душанбе: Пайванд, 1385 ҳичрӣ.
3. Тазкират уш-шуаро. Таълифи Муҳаммад Тоҳири Насрободии Исфаҳонӣ. Муштамил бар шарҳи ҳол ва осори қариб ҳазор шоири асри Сафовӣ. –Теҳрон 1317.
4. Тазкират уш-шуаро. Таълифи Султон Муҳаммади Мутрибии Самарқандӣ. –Теҳрон: Оинаи мерос, 1377 ҳ.
5. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти точик. –Сталинобод: Нашрдавточик, 1947.
6. Мирзоев А. Боз як аҳамияти муҳимми тазкираи Малеҳо. – Душанбе: Садои Шарқ, 1961, №7.
7. Мирзоев А. Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхташудани он. – Душанбе: Садои Шарқ, 1959, №4.
8. Мирзоев А. Аз таърихи муносибатҳои адабии Мовароуннаҳр ва Ҳинд: - Душанбе: Садои Шарқ, 1964, №5.
9. Каримов Усмон. Адабиёти точик дар асри XVI. – Душанбе: Дониш, 1985.
10. Саъдиев Садрӣ. Адабиёти точик дар асри XVII. –Душанбе: Дониш, 1985.
11. Саъдиев Садрӣ. Малеҳои Самарқандӣ ва тазкираи ӯ. – Самарқанд: Нашри УДС, 1999.
12. Саъдиев Садрӣ. Самарқанд адабий муҳити таърих кӯзгусида. – Ташкент: Фан, 2009.
13. Сатторов Абдуллочон. Тӯҳфаи Сомӣ ва хусусиятҳои он. – Душанбе: Дониш, 1972.
14. Мирзозода Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти точик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX).- Сталинобод: Нашрдавточик, 1950.

15. Воҳидов Раҳим. «Мачолисуннафоис»-нинг таржумалари. – Тошкент: Фан, 1984.
16. Ғаффоров Бобочон. Точикон. – Душанбе: Ирфон, 1989.
17. Истории таджикского народа. Том. II, Книга первая. –М., 1964.
18. Бегжон Исмоил. Мовароуннаҳр ва Эрон адабий алоқалари XVI асрда. – Тошкент: «Сино» журнали, 2009, №2.